«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав
д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р.
_______________________
аз «____» _____06_____соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 - Иқтисодиёти ҳудудӣ.

1. **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илме, ки таҳқиқот иҷро шудааст.** Диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба талаботи бандҳои 1, 7, 9, 11, 13, 19, 24-и Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 - Иқтисодиёти ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

**2. Мубрамӣ ва муҳиммии мавзуи таҳқиқот.** Истифодаи самараноки иқтидорҳои захиравӣ ва табиӣ дар минтақаҳо дар даҳсолаҳои охир ба як унсури муҳим барои рушди иқтисодиёти кишварҳои гуногун табдил ёфтааст. Ин омил на танҳо барои пешбурди устувори иқтисодӣ-иҷтимоӣ, балки барои густариши шароити мусоиди фаъолият дар минтақаҳои дохили кишвар низ аҳаммияти назаррас дорад. Ҳамчунин, маҳдудияти захираҳои табиӣ ва масоили ҳифзи муҳити зист дар минтақаҳо масоиле ҳастанд, ки барои таъмини бехатарии озуқаворӣ муҳим арзёбӣ мешаванд. Ҳамзамон, таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо аз сиёсати аграрӣ ва озуқаворechи давлат вобаста аст, ки он барои ҷавобгӯ будан ба талаботи рӯзафзуни аҳолӣ бо маҳсулоти озуқавории худӣ, васеъ кардани номгӯйи маҳсулоти баромади истеҳсолоти кишоварзӣ ва коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ равона шудааст. Ин иқдомот метавонад ба фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ кумак расонад, сатҳи камбизоатиро коҳиш диҳад ва вазъи экологии минтақаҳоро беҳтар созад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо, зарурати тақвияти таҳқиқоти илмӣ ва асосноксозии назариявии истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ҳамчун заминаи асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар равшан эҳсос мешавад. Илова бар ин, андешае вуҷуд дорад, ки сатҳи истифодаи самарабахши захираҳои табиӣ, бахусус замин, об ва

омилҳои агробиологӣ, барои рушди устувори минтақаҳо, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини озуқаворие, ки аз ҷиҳати экологӣ тоза ва безарар аст, нақши муҳим мебозад. Аз ин равзана, ҳалли мушкилоти вобаста ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди бозори маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳо бо истифодаи самарабахши иқтидори захираҳои табиӣ, молиявӣ ва меҳнатӣ, инчунин ташкили кластерҳои агросаноатӣ, аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Ин масъала на танҳо мубрам будани таҳқиқоти илмиро таъкид менамояд, балки онро ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқот дар шароити иқтисоди бозорӣ ба миён мегузорад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои илмии бадастомада ва хулосаю пешниҳодҳо дар диссертатсия.**

Аз рисолаи илмӣ бармеояд, ки мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-методологии самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таҳияи пешниҳодҳои амалӣ оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар ба ҳисоб меравад. Навгониҳои таҳқиқоти илмиро асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ-услубии баланд бардоштани самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо ташкил медиҳанд.Ба андешаи мо, натиҷаҳои нисбатан воқеии ба сифати навгонӣ пешниҳодшуда дар ҳолатҳои зерин баён гардиданд:

- Унвонҷӯ дар заминаи таҳқиқу баҳодиҳии ҷанбаҳои назариявии мавзуи таҳқиқотӣ, мафҳуми иқтидори захиравӣ-табииро шарҳи мукаммал додааст, ки мувофиқи он иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун ҷузъи калидии маҷмуи захираҳои табиии минтақа арзёбӣ шудааст, ки давлат ва мақомоти минтақавии он барои ТБО аҳолии минтақа истеҳсоли маҳсулоти озуқаворие ҷавобгӯйи талаботро барои тамоми фосилаи вақти барояш муқарраршуда тарҳрезӣ, назорат, идораю танзим менамояд;
- Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ махсусиятҳо, қойидаҳои асосӣ ва усулҳои арзёбии СИИ нерӯъҳои табиӣ-захиравиро муайяну муқаррар намуда, дараҷаи таъсироти онҳоро ба ТБО тавассути меъёрҳои мавҷуда баҳодиҳӣ кардааст;
- Диссертант тибқи таҳлилу баррасиҳо механизми экологӣ-иқтисодии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табииро дар минтақа, дар заминаи асосноксозии самтҳои асосии дастгирии давлатии истеҳсолоти агросаноатӣ муайян ва натиҷагирӣ намудааст, ки мақсади ташаккулу рушд ва такмили механизми номбурда баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиии минтақа бо назардошти ТБО аҳолии минтақа тибқи риояи ҳадафҳои РБИ маҳсуб меёбад;
- Унвонҷӯ дар боби сеюми кори илмӣ самтҳои асосии дастгирии давлатии таъмини бехатарии озуқавориро дар шароити минтақаи

мавриди таҳқиқ бо пешниҳодҳои амалӣ асоснок намуда, ҳамзамон амсилаи баҳои самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табииро дар мисоли таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаи Хатлон коркард намудааст, ки дар маҷмуъ ба истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ, беҳсозии ҳолати экосистемаи минтақаи мавриди таҳқиқ, тараққиёти соҳаҳои кишоварзӣ, ҳавасмандӣ, мавриди истеҳсоли маҳсулотҳои аз лиҳози экологӣ тоза ва фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории ба рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа мусоидаткунанда, нигаронида шудааст.

**4. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд,** бо истифода аз маълумотҳои дақиқи оморӣ ва соҳавӣ, самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ таҳлил гардидаанд, ки интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои бонуфуз гувоҳи воқеияти онҳо мебошанд. Ҳамчунин, хулоса ва тавсияҳо, ки муаллиф пешниҳод кардааст, ба маълумотҳои омори расмӣ, факту рақамҳо ва ҳисоботи мақомоти масъул, ки мустақиман ба мавзуи диссертатсия дахл доранд, такя мекунанд. Пешниҳодҳои диссертатсионӣ низ ба натиҷаҳои илмӣ, таҳлили назариявӣ ва таҳқиқоти таҷрибавӣ асос ёфтаанд, ки дақиқият ва асоснокии онҳоро таъмин менамояд.

**5. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, пешниҳодот ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 175 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки фарогири 21 ҷадвал, 1 диаграмма ва 7 расм мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда номгӯйи сарчашмаҳои мавриди истифода қарор гирифта, аз ҷумла муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад. (С.4-15).

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии таҳқиқи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа»** - ҷанбаҳои назариявӣ-услубии самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа, масъалаҳои рушди комплекси агросаноатӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқа ва таҳлили таҷрибаи хориҷӣ оиди ба самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ, инчунин имкониятҳои истифодаи он дар шароити минтақаҳои ҷумҳурӣ баён гардидааст (С.16-64).

Дар ин боби рисола қайд шудааст, ки масъалаи самаранок истифода бурдани иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмин кардани бехатарии озуқаворӣ дар минтақа барои рушди иқтисодиёти ҳамаи кишварҳои ҷаҳон аҳаммияти бузург дорад. Дар даҳсолаҳои охир, ин мавзӯъ ба яке аз масъалаҳои муҳимми сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, таъмини бехатарии озуқаворӣ дар ҳамбастагӣ бо дигар вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва хусусияти истеҳсолӣ, яке аз самтҳои калидии рушди иқтисодиёти минтақаҳо ба шумор меравад (С.16-32).

Муаллифи иброз доштааст, ки иқтидорҳои захираҳои табиӣ яке аз унсурҳои калидии иқтисодиёти минтақа маҳсуб ёфта, дар таъмини бехатарии озуқаворӣ накши муҳим мебозанд. Ниёз ба ҷустуҷӯи роҳҳои инноватсионии рушди кишоварзӣ, ташкили низоми самараноки идоракунии захираҳои замин, ҷойгиркунии дуруст ва ихтисоскунонии соҳаҳои кишоварзӣ ва бахшҳои дигари комплекси агросаноатӣ аҳамияти хоса пайдо кардааст. Ин раванд тақозо мекунад, ки истифодаи самараноки иқтидорҳои табиӣ таъмин гардад, то амнияти озуқаворӣ барои ҳамаи кишварҳо таъмин шавад. Дар даҳсолаҳои охир, инсоният бо як қатор мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардидааст, ба монанди афзоиши босуръати аҳолӣ, таназзули экосистемаҳои маҳаллӣ, коҳиши ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва дигар омилҳо. Ҳар яке аз ин масъалаҳо дар рушди иқтисодии минтақаҳо аҳамияти назаррас дорад (С.34-41).

Ба фикри муаллиф, таъмини бехатарии озуқаворӣ ба танзими самараноки сиёсатҳои аграрӣ вобастагии зиёд дорад. Дар он минтақаҳое, ки ҳиссаи асосии маводи ғизоӣ аз истеҳсоли локалӣ бармеояд, мақомоти давлатӣ бояд таваҷҷуҳи бештари худро ба дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ равона кунанд. Ин гурӯҳи соҳибкорон бо истеҳсол, коркард ва паҳнкунии маҳсулоти озуқаворӣ машғуланд ва фаъолияти онҳо барои таъмин намудани амнияти озуқаворӣ аҳаммияти назаррас дорад. Дар раванди татбиқи тадбирҳои амнияти озуқаворӣ, муҳим аст, ки ҷанбаи амнияти иқтисодӣ ба таври ҳамаҷониба ба назар гирифта шавад. Аз ҷумла, бояд афзалият ба маҳсулоти экологӣ дода шавад, ки ҳам барои саломатӣ судовар бошанд ва ҳам талаботи физиологии мардумро бароварда созанд (С.42-64).

**Дар боби дуюм «Таҳлил ва ҳолати истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳлили вазъи истифодаи захираҳои замин дар минтақаҳои вилояти Хатлон, ҳолати бозории дохилии озуқаворӣ ва вазъи арзёбии сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва баҳои сатҳи бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои агросаноатӣ баррасӣ гардидааст (С.65-103).

Муаллиф натиҷагирӣ намудааст, ки афзоиши аҳолӣ дар минтақа ба мушкилоти ҷиддии вобаста ба норасоии маҳсулоти асосии ғизоӣ ва

пастшавии сифати онҳо оварда мерасонад. Дар шароити кунунӣ, норасоии маҳсулоти муҳим дар манотиқи вилояти Хатлон мутобиқ ба стандартҳои физиологӣ аз 20 то 60% мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ба монанди гӯшт, шир ва тухм, танҳо ба таври миёна 8,7%, 25,4% ва 5,7%-и ниёзҳои умумии аҳолии минтақаро фаро мегирад. Ин нишондиҳандаҳо натанҳо барои таъмини пурраи талаботи дохилии аҳолӣ нокифоя мебошанд, балки бо афзоиши эҳтиёҷот низ ҷавобгӯ шуда наметавонанд (С.67-81).

Ба ақидаи диссертант, дар шароити имрӯза дар минтақаҳои ҷумҳурӣ пастшавии сатҳи шуғли меҳнат, афзоиши бекорӣ ва коҳиши музди меҳнат ба мушоҳида мерасад. Ин ҳолат ба камшавии талаботи аҳолӣ ба маводи озуқаворӣ ва коҳиши истеъмоли он сабаб шудааст. Дар ин замина, таъмини пурраи аҳолӣ бо ғизои хушсифат ва микдори зарурӣ бояд дар сатҳи худтаъминкунӣ афзалият дода шавад. Бо дарназардошти вазъи мазкур, аз назари муаллиф, таҳлили самараноки истифодаи захираҳои замин ва об, инчунин рушди соҳаи кишоварзӣ бо ҳадафи муайянсозии талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ ва дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо кори зарурӣ мебошад (С.82-92).

Ҳамчунин, диссертант қайд мекунад, ки дар вилояти Хатлон, сатҳи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба зиёдшавии талаботи истеъмолӣ дар минтақа робитаи мустақим дорад. Ба маълумоти ФАО, то соли 2025 эҳтимол меравад талаботи маводи ғизоӣ барои ҳар шахс ба 3000 калория дар як рӯз расад, айни ҳол ин нишондод 2409 калорияро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, маҳдудиятҳои манобеи табиӣ, аз ҷумла коҳишёбии заминҳои корам, таъсири ҷиддӣ ба афзоиши истеҳсоли кишоварзӣ мерасонанд. Дар вазъияти кунунӣ, ба ҳар сокини минтақа танҳо 0,10 гектар замин рост меояд, ки аз он ҳамагӣ 0,05 гектар замини обӣ мебошад. Ин нишондод нисбат ба кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ ҳеле паст аст (С.92-103).

**Дар боби сеюм «Самтҳои баланд бардории истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон»** муаллиф ба масъалаҳои танзими давлатии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, оқилона истифодабарии заминҳои кишоварзӣ - ҳамчун омили муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ ва коркарди модели баҳои самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлонро мавриди омӯзиш қарор додааст (С.104-152).

Дар диссертатсия мазкур нақши муҳим ва калидии давлат дар таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа таҳлил шудааст. Ҳар як давлат масъулияти асосиро дар самти таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифати озуқаворӣ ва рушди устувори минтақа ба ухда дорад. Дастгирии давлатӣ дар ин самт барои афзудани ҳаҷми истеҳсоли

маҳсулоти асосии озуқаворӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад (С.104-122).

Дар рисола муаллиф иброз медорад, ки механизмҳои дастгирии давлатӣ дар самти истихроҷ ва истифодаи захираҳои табиӣ, инчунин таъмини устувории бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои вилоят, ба рушди истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи озуқаворӣ барои аҳолӣ мусоидат мекунад. Дар ин замина, татбиқи тадбирҳои муассир барои фароҳам овардани шароити беҳтар, ки ба истиқлолияти озуқаворӣ ва рушди устувори минтақаҳо мусоидат кунад, аҳаммияти назаррас дорад. Ҳамзамон, бояд ҳуқуқҳои истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ пурра ҳифз гардида, дар самти афзоиши суръати истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд. Аз ин лиҳоз, муҳим аст, ки бо назардошти зарурати густариши ҳамгироӣ ва ҳамкории истеҳсолӣ, технологияи пешрафта ҷорӣ гардида, ҳаҷми истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ афзоиш ёбад. Ҳамчунин, ташкили кластерҳои агросаноатӣ ҳамчун як василаи муосир барои ҳавасмандгардонии рушди соҳаи кишоварзӣ мавриди тавҷҷуҳи вижа қарор гирад (С.123-152).

Дар хулоса ва тавсияҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти кори илмӣ ҷамъбаст гардидаанд (С.153-156).

**6. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Зинаҳои таҳқиқоти илмӣ бо иштироки мустақими муаллиф анҷом дода шудаанд, ки дар онҳо интихоби мавзуъ, асосноксозӣ, мақсадгузорӣ, вазифаҳо, муҳиммият ва аҳаммияти тадқиқот ба таври муфассал инъикос ёфтаанд. Дар ҷараёни таҳқиқот пешниҳодҳои мушаххас оид ба шакл ва усулҳои муассири рушди соҳаи кишоварзӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ таҳия гардидаанд. Илова бар ин, ба натиҷаҳои илмие, ки муаллиф барои дифоъ пешкаш мекунад, ҳам навгонӣ ва ҳам аҳаммияти амалӣ хос аст.

**7. Мутобиқати тахассусии илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда.** Аз ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Расулов Ҷовид Қурбонович бармеояд, ки тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Мавзуъ ва ихтисоси довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 - Иқтисодиёти ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

**8. Интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ довталаб 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор намудааст, ки ҳаҷми умумии онҳо ба 4,4 ҷузъи чопӣ баробар мебошад.

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ва мувофиқати матни автореферати он ба мазмуни диссертатсия.** Диссертатсия ва автореферати муаллифи рисола дар асоси бандҳои дахлдори "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ", ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №493, аз 27.12.2024 таҳия гардида, талаботҳои муқарраргардида риоя карда шудаанд. матни автореферат низ ба мазмуну муҳтавои диссертатсия пурра мувофиқат менамоянд.

**10. Эрод ва баъзе тавсияҳо оид ба беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

1. Дар таҳқиқоти илмии анҷомшуда, унвонҷӯ афкори олимони ватаниро нисбат ба мавзуи таҳқиқшаванда камтар ба назари эътибор гирифтааст, агар ин амалро амиқтар ба анҷом мерасонид, арзиши кори илмӣ боз ҳам афзун мегашт.

2. Ба фикри инҷониб, сифати кори мазкур беҳтар мешуд, агар муаллиф нишондиҳандаҳои экологии иқтисодии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табииро, махсусан заминҳои кишоварзиро, ба таври муфассал арзёбӣ карда, дар шакли ҷадвал дар мисоли хоҷагӣ ё минтақаи мушаххаси вилояти Хатлон таҳлил ва натиҷагирӣ мекард.

3. Дар расми 1.1., саҳифаи 21 диссертатсия сохтори функсионалии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар шароити минтақа инъикос шудааст. Ба ақидаи инҷониб, баъзе ҷузъҳои ин сохтор, аз қабили вазъи иҷтимоӣ-демографии аҳолӣ, ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ барои рушди минтақа, ташаккули кластерҳои агросаноатӣ камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд.

4. Дар зербоби 3.1., масъалаи таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ дар самти самаранок истифода бурдани иқтидори захиравию табиӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва омӯзиши имкониятҳои татбиқи чунин таҷрибаҳо дар шароити минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ шарҳ дода шудааст. Дар ин росто, агар муаллиф ба дастовардҳо ва таҷрибаҳои кишварҳое ишора мекард, ки барои шароити ҷумҳурӣ муфид ва татбиқашон имкониятҳои бештарро фароҳам меоварад, хубтар мешуд.

5. Дар кори илмӣ баъзан камбудиҳо ва нофаҳмиҳо дар шарҳу тафсири диаграммаҳо ва ҷадвалҳо ба назар мерасанд. Беҳтар мебуд, агар ин масъалаҳо бо шеваи дигар ифода ёбанд ё муҳаққиқ онҳоро муфассалтар ва амиқтар тафсиру тавсиф менамуд.

**11. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Бо ибрози чунин нуқтаи назар гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар

мавзуи «Истифодабарии самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4.- Иқтисодиёти ҳудудӣ ба талаботҳои КАО - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтсоси номбурда мебошад.

Тақриз ба диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)» дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (№11, аз 24.06.26) баррасӣ ва муҳокима гардидааст. Дар ҷаласа 10 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 10 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Декани факултети молиявию иқтисодӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Холназаров М.Ҳ.

**Ташхисгар:**
Мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои иқтисодӣ Шамсов Ҷ.И.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Расулзода Д.Б.

Имзои Холназаров М.Ҳ., Шамсов Ҷ.И. ва Расулзода Д.Б.. – ро тасдиқ менамоям.
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав** Исҳоқзода М.М.
«26» 06 соли 2026

**Суроғаи донишгоҳ:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Бохтар, кучаи Айнӣ 67
Тел: (83222) 25481, 22253
E-mail: bgu-1978@mail.ru
Веб-сайт: www.btsu.tj